Банӣ Исроилро паёмбарон роҳбарӣ мекарданд, ҳар вақт паёмбаре фавт мекард, паёмбари дигаре ба ҷойи ӯ меомад. Пас аз ман паёмбаре нахоҳад буд, балки халифаҳое хоҳанд буд ва онҳо зиёд хоҳанд шуд

Аз Абуҳазм ривоят аст, ки гуфт: Ман панҷ сол бо Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) нишастам ва шунидам, ки аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекунад, ки фармуданд: "Банӣ Исроилро паёмбарон роҳбарӣ мекарданд, ҳар вақт паёмбаре фавт мекард, паёмбари дигаре ба ҷойи ӯ меомад. Пас аз ман паёмбаре нахоҳад буд, балки халифаҳое хоҳанд буд ва онҳо зиёд хоҳанд шуд." Саҳобагон гуфтанд: Пас ба мо чӣ дастур медиҳӣ? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ба байъати аввалӣ, сипас аввалӣ вафо кунед ва ҳаққи онҳоро ба ҷо оваред, зеро Худованд аз онон дар бораи он чи ба онон супурдааст суол хоҳад кард."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки Банӣ Исроилро паёмбарон роҳбарӣ мекарданд ҳамон гуна ки амирон ва ҳокимон бо раият рафтор мекунанд. Ҳар вақте дар миёни онҳо фасод пайдо мешуд, Худованд барои онҳо паёмбаре мефиристод, ки умури онҳоро барқарор кунад ва аҳкомеро, ки тағйир дода буданд, бартараф созад. Ва Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтанд, ки пас аз ман дигар паёмбар нахоҳад буд, то амалҳое, ки он паёмбарон анҷом медоданд, анҷом диҳад, аммо баъд аз ман халифаҳое хоҳанд буд, ки зиёд хоҳанд шуд ва миёни онҳо ихтилоф ва баҳс рух хоҳад дод. Саҳобаҳо (разияллоҳу анҳум) пурсиданд: Пас ба мо чӣ дастур медиҳӣ? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: Ҳаргоҳ бо халифае баъд аз халифаи аввал байъат шавад, байъати аввали дуруст аст ва ба он вафо кардан воҷиб аст. Ва байъати дувумӣ ботил аст ва талаб кардани он бар ӯ ҳаром аст. Ҳаққи онҳоро бидиҳед, аз онон итоат кунед ва бо шунидан ва фармонбардорӣ дар ғайр аз гуноҳ бо онон рафтор кунед, зеро Худованд онҳоро барои он чи нисбат ба шумо анҷом медиҳанд, мепурсад ва муҳосаба мекунад.


النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY


لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee